# 7191 - Ҳиҷрат чист?

## савол

Ҳиҷрат дар роҳи Аллоҳ дар ин замона чи гуна мебошад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳиҷрат дар роҳи Аллоҳ, ин аз сарзамини ширк ба сарзамини Ислом кӯчидан аст, ҳамон гуна ки мусулмонон аз Макка, пеш аз мусулмон шудани мардумаш ба Мадина кӯчиданд, зеро ин шаҳр (Мадина) пас аз байъати мардумаш ба паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ва дархости ҳиҷрат аз ӯ, шаҳри Ислом шуд.3

Ҳиҷрат ин кӯчидан аз як сарзамини ширк ба сарзамини дигари ширк, ки бадиаш сабуктару хатараш камтар аст,  низ мебошад, ҳамон тавре, ки баъзе аз мусулмонон бо дастури паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) аз Макка ба сарзамини Ҳабашистон ҳиҷрат карданд.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст ва дуруду паёми Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва олу асҳоби ӯ бод.